Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.K0A -017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суроға; 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Айни 44
www.ied. tj

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзӯи “Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ – иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (60050704- ташкил ва идоракунии корхонахо, низомҳо ва комплексҳо).**

Таҳлили автореферати Холиқзода Аҳлиддин Юлдош нишон дод, ки мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия аксёфта, дуруст ба роҳ монда шудаанд ва онҳо метавонанд вазъи кунунии равандҳои соҳаро беҳтар созанд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки вобаста ба шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи механизми ташкилӣ – иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун истифодаи мақсадноки захираҳо ва ҷустуҷӯи имкониятҳои васеъ баҳри ноил шудан ба дастовардҳои нави сифатию микдории иқтисодӣ, дар ин замина қонеъ намудани меъёрҳои талаботи иҷтимоӣ бо риояи беҳдошти вазъи зиндагии мардум дар шароити имрӯза ва ташаккули зарфиятҳои оянда маънидод намудан мумкин аст.

Бартарии дигари автореферати муаллиф дар он зоҳир мешавад, ки ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ҳамчун раванди тағйироти бофосилаи ҳолатҳои ҷомеа маънидод намудааст, ки ҳангоми амалишавии он баҳри қонеъгардонии талабот ҷидду ҷаҳди инсонҳо таҳким мебахшад.

Муҳаққиқ дар авторферетати худ иброз медорад, ки дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти воқеии ба амал баровардани ислоҳоти алоҳида дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, нафақа, хизматрасонии иҷтимоӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, бо кор таъмин намудан, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба миён омадааст. Аз тарафи муаллиф тавсияҳои илмӣ оид ба баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии шаҳрвандони мамлакт, зиёд кардани ҳаҷми пардохтҳои иҷтимоӣ ба категорияҳои осебпазири шаҳрвандон, васеъ намудани номгӯи хизматрасониҳои иҷтимоӣ пешниҳод карда шудааст, (саҳ.22).

Бояд қайд кард, ки то кунун дар дар Ҷумҳурии Тоҷикситон оид ба мукаммалгардонии механизми ташкилӣ – иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, ки метавонад ба самаранокии рушди иқтисодию иҷтимоӣ таъсир расонад, таҳқиқ маҷмӯи гузаронида нашудааст.

Диссертант дар назди худ мақсад гузоштааст, ки ҷиҳати таҳқиқу тавсияи ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва пешниҳодоти аз нигоҳи илмию амалӣ асоснокгардида оид ба самтҳо ва роҳҳои такмили механизми ташкилӣ – иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир навгониҳои илмии худро пешниҳод кунад.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд. Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқи ояндаи муаллиф самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар таҳия кардани модели консептуалӣ ба муаллифи диссертатсия лозим меояд, ки модели мазкурро дар асоси кадом сарчашмаҳои илмӣ таҳия кардааст, тариқи сарчашма нишон диҳад.

Камбудиҳои пешниҳодгардида ҷузъӣ буда, мазмун ва баҳои воқеии автореферaтро таъғйир намедиҳанд. Масъалаҳои назариявӣ, методологии дар автореферат нисбатан пурра таҳқиқи илмӣ ёфтанд ва дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ мустақил будани муаллифро нишон медиҳад. Дар маҷмӯъ, таҳқиқи диссертатсионӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ – иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта дорои хислату мазмуни илмию амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистои ҷавобгӯ буда, муаллифи он Холиқзода Аҳлиддин Юлдош сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (60050704-ташкил ва идоракунии корхонахо, низомҳо ва комплексхо) мебошад.

**Муқарриз**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти**
**кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии**
**Донишгоҳи давлатии**
**Бохтар ба номи Носири Хусрав** **Маҳкамова Ч.А.**

**Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, Ч.А. Маҳкамоваро тасдиқ менамоям:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсусӣ**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Исозода Т.И.**

**Нишони: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.**
**Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”**
**Тел: (832 22) 2-45-20;2-22-53**
**E-mail:ktsu78@mail.ru**